**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012-и назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2 )**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи "Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат).**

Дар шароити ҷаҳонишвӣ яке аз омилҳои муҳимтарини амалӣ гардонидани ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар ин тезонидани гузариши босифат ба иқтисоди бозорӣ ва самаранок фаъолият кардани дастгоҳи давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки аз идоракунии дурусти кадрҳои баландихтисос ва салоҳиятнок вобастагии калон дорад.

Дар таъмини фаъолияти самараноки идоракунии давлатӣ ва рушди соҳаи маорифи мамлакат, бояд пеш аз ҳама нақши омӯзгорони соҳибкасб назаррас бошад. Бо мақсади иҷрои ин рисолат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тайёр кардани кадрҳои салоҳиятдору баландихтисоси соҳаи маорифи кишвар ва боло бурдани донишу малакаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд МТОК), умуман дониш андухтану тарбия намудани тамоми қишрҳои ҷомеа пайваста таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд ва тадбирҳои саривақтӣ меандешанд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳама давру замон омили асосии додани донишҳои муосир ба донишҷӯён, ин бо омӯзгорони салоҳиятноку асил таъмин кардани МТОК мебошад. Бояд қайд намуд, ки кадрҳо омили асосӣ ва басо тақдирсози фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта, нақши онҳо дар пешбурди соҳаи маориф хеле назаррас мебошад. Аён аст, ки сифати омӯзгорони касбӣ ҳамон қадар баланд бошаду ва МТОК ба ингуна омӯзгорон таъмин бошанд, ҳамон қадар имконияти рушди соҳаи маорифи мамлакат зиёд мегардад. Аз ин рӯ, мавзуи интихоб намудаи муҳақиқ Исвалиев Бахтиёр **"Такмили механизми**

**мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)"** дар шароити норасогии кадрӣ дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз коравии омӯзгорон аз ин муассисаҳо саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки мазмуни автореферат ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот мутобиқ мебошад. Дар автореферат як зумра назарияҳои муосири илмӣ ва амалӣ оид ба такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар МТОК, инчунин хусусиятҳои механизми мотиватсионии таъминоти кадрии МТОК, усулҳои амалишавандаи раванди мотиватсионӣ дар МТОК, самаранокии мотиватсия ва рафтори шоистаи кормандони МТОК, омилҳои ҳавасмандгардонии меҳнат, роҳҳои такмилдиҳӣ ва истифодаи самараноки механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ, дурнамои рушди механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ ба таври васеъ мавриди таълилу омӯзиш қарор дода шудааст, ки муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад.

Муҳаққиқ дар автореферат барои таъмини рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намудааст, ки фонди давлатии инноватсионӣ ташкил карда шавад (саҳ.19).

Диссертант дар таҳқиқоти худ зарур мешуморад, ки барои такмил додани низоми минбаъдаи ҳавасмандгардонии меҳнати омӯзгорони МТОК, ҷорӣ намудани механизми нави татбиқи дигар намудҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, баланд бардоштани масъулияти омӯзгорон ва саҳми педагогии онҳо дар раванди тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнати ватанӣ ва хориҷӣ, роҳҳои такмил додани ин системаро муайян кардан лозим аст (саҳ.13).

Яке аз омилҳои муҳими ҳавасмандгардонии омӯзгорони МТОК музди меҳнат ба ҳисоб рафта, дар ҷадвали рақами 2 аз ҷониби муҳаққи сатҳи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 таҳлил гардидааст. Таҳқиқот нишон додааст, ки музди миёнаи моҳона дар сатҳи ҷумҳурӣ дар давраи таҳлилӣ (2018-2022) аз 1233,82 сомонӣ то 1760,29 сомонӣ афзудааст, ки ин ба 42,7% тағйирёбии мусбӣ мебошад (саҳ. 15-16).

Дар баробари ҳаммаи ин комёбиҳо ба назари мо автореферат дорои якчанд камбудиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Хуб мебуд агар муаллиф муаммоҳои имрӯзаи такмили механизми мотиватсиониро дар МТОК мушаххасан пешниҳод менамуд.

Дар маҷмуъ, автореферати кори диссертатсионии Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи “Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муҳаққиқ барои соҳиб шудан ба дарёфти дараҷаи илмии пешниҳодшуда сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
н.и.и., кафедраи молия ва қарзи
факултети молиявию иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ Тешаев М. С.

«Имзои Тешаев М.С-ро тасдиқ менамоям».

сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рудакӣ Амиров Ф. А.

«26» 08 соли 2024

**Суроға**:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Кӯлоб, маҳаллаи С. Сафаров, 16
Телефон:(+992) 93-729-38-30
E-mail: teshaev86@bka.ru